## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Исмоилзода Салоҳиддин Абдулазиз дар мавзуи «Мавқеи конститутсионӣ-ҳуқуқии прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.02 – ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ пешниҳод шудааст**

Мақомоти прокуратура яке аз сохторҳои муҳим дар давлати ҳуқуқбунёд ба ҳисоб меравад. Он яке аз ниҳодҳои муҳими давлатдорӣ буда, фаъолияташ баҳри ҳифзи арзишҳои ҷомеаи демократӣ, қонуният, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои давлат ва ҷомеа равона гардидааст. Моддаи 9 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, ки ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси таҷзияи ҳокимияти давлатӣ амалӣ мегардад. Аз ин лиҳоз, муайян намудани мақоми прокуратура дар низоми мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавзӯи мубрами ҳуқуқи конститутсионӣ мебошад. Новобаста аз таҳқиқотҳои зиёд дар ин самт то ҳол мақоми ин ниҳод дар низоми таҷзияи ҳокимияти давлатӣ муайян нест. Вобаста ба ин таҳқиқоти диссертатсионии Исмоилзода Салоҳиддин Абдулазиз дар мавзӯи «Мавқеи конститутсионӣ-ҳуқуқии прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» саривақтӣ буда, масоили нақш ва ҷойгоҳи мақомоти прокуратура дар низоми мақомоти давлатӣ равшан ва возеҳ менамояд.

Дар рисола унвонҷӯ кушиш намудааст, ки мафҳум, таърихи инкишоф, мавқеи мақомоти прокуратура дар миёни шохаҳои ҳокимияти қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ мавриди пажӯҳиш қарор диҳад. Инчунин дар рисола ҷойи мақомоти прокуратура дар миёни мақомоти давлатӣ баррасӣ ва таҳлил гардидааст. Андешаҳое, ки зимни таҳқиқот иброз гардидаанд, назари инфиродии муҳаққиқ буда, бо далелҳои назариявӣ ва амалӣ асоснок карда шудаанд.

Бояд қайд кард, ки нақш ва ҷойгоҳи мақомоти прокуратура дар низоми мақомоти давлатӣ аз ҷониби олимони ватанӣ ба таври пурра мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Дар корҳои илмии анҷомёфта танҳо қисматҳои ҷудогонаи фаъолияти мақомоти прокуратура таҳлил гардидааст. То ҳол дар сатҳи амиқ фаъолият намудани назорати прокурорӣ, ҳимоя ва таъмин намудани ҳуқуқҳои шахсӣ аз ҷониби мақомоти прокуратура, самаранок будани фаъолияти онҳо дар доираи низоми ҳуқуқи миллӣ ва байналмилалӣ, робитаи мутақобилаи мақомоти прокуратура бо мақомоти қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ мавриди таҳлил ва баррасии ҳаматарафа қарор нагирифтааст. Бо ин назардошт, зарурияти ба таври муфассал мавриди таҳқиқ қарор додани нақш ва мавқеи мақомоти прокуратура ба вуҷуд омадааст. Таҳлили муфассал ва вазъи воқеии мақомоти прокуратура дар низоми таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, ки дар заминаи принсипи “боздорӣ ва мувозинат” фаъолият менамоянд, зарурияти муайян намудани ҷойгоҳи мақомоти прокуратураро дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба вуҷуд оварда, аҳамияти назорати прокурорӣ барои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ, манфиатҳои давлату ҷомеа ва дар сатҳи қонунгузорӣ муқаррар намудани мавқеи мақомоти прокуратураро пешбинӣ менамояд.

Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда унвонҷӯ Исмоилзода Салоҳиддин Абдулазиз ба хулосаҳои зерин омадааст:

- Ташаккули мақомоти прокуратура дар Тоҷикистон аз асри XX оғоз меёбад, яъне аз лаҳзаи таъсиси ҶХШБ ва ҶМШС-и Туркистон, сонияи бо ташкил ёфтани ҶМШС Тоҷикистон дар ҳайати Ӯзбекистон ва ниҳоят бо таъсис ёфтани ҶШС-и Тоҷикистон. Бо ин назардошт, рисоланавис чунин марҳилаҳои ташаккул ва инкишофи мақомоти прокуратураро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд:

- марҳилаи якум – ташаккули мақомоти прокуратура дар ҶМШС-и Туркистон ва ҶХШБ;

- марҳилаи дуюм – ташаккули мақомоти прокуратура дар ҶМШС

Тоҷикистон;

- марҳилаи сеюм – ташаккул ва инкишофи мақомоти прокуратура дар ҶШС-и Тоҷикистон;

- марҳилаи чорум – ташаккули мақомоти прокуратура дар Тоҷикистони соҳибистиқлол.

- Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи мақомоти давлатӣ ба ҳисоб рафта, дорои се нишонаи муҳим мебошад, ки хоси мақомоти ҳокимияти давлатӣ буда, аз табиат ва функсияи бевоситаи давлат бармеоянд. Якум, масъалаи ташкил намудани мақомоти прокуратура дар боби 9-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам гардида, салоҳият, вазифа ва ваколатҳои он амиқ дарҷ ёфтаанд. Дуюм, ба мақомоти прокуратура бе ягон шубҳа ваколатҳои ҳокимиятӣ дода шудааст. Сеюм, Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» вазифаҳо ва самтҳои асосии фаъолияти онро муайян намудааст. Бо дарназардошти ин гуфтаҳо муаллиф қайд менамояд, ки мақомоти прокуратура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон институти мустақили давлативу ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, низоми мутамаркази алоҳидаву мустақили мақомоти ҳокимияти давлатиро ташкил медиҳад. Он ба таври комил ба ягон шохаи ҳокимияти давлатӣ шомил набуда, ба сифати мақомоти мустақили ҳокимияти давлатӣ баромад менамояд, ки метавонад миёни ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ низоми боздориро амалӣ созад.

- Муносибати байниҳамдигарии мақомоти прокуратура ва Маҷлисӣ Олӣ дар се самт – назоратӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ ва ташкилӣ амалӣ карда мешавад. Ба сифати шакли асосии назорати парлумонӣ аз болои фаъолияти прокуратура ин дархости парлумонӣ (вакилӣ) аз Прокурори генералӣ, додани ҳисобот, маърӯза ва маълумоти Прокурори генералӣ дар назди парлумон ба ҳисоб меравад. Иштироки мақомоти прокуратура дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бо он алоқаманд мебошад, ки ба ӯ функсияи ҳуқуқмуҳофизавӣ ва таъмини волоияти қонун вогузор гардидааст. Самти ташкилии робитаи мақомоти прокуратура бо парламент бошад, дар тартиби таъин ва озод намудани Прокурори генералӣ, муовини аввал ва

муовинони ӯ ифода меёбад.

- Рисоланавис ба хулоса омадааст, ки мақомоти прокуратура ба низоми мақомоти ҳокимияти иҷроия шомил набуда, аз ҷумлаи мақомоти мустақил ва мутамаркази ҳокимияти давлатӣ маҳсуб меёбад. Он аз номи давлат назоратро ҷиҳати амалӣ гаштани Конститутсия ва иҷрои қонунҳои амалкунанда аз ҷониби мақомоти гуногун, аз ҷумла мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, таҳқиқ, мақомоти маъмурӣ ва муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки дар он прокурор салоҳияти роҳбарикунандаро дорост; мутаҳидсозии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти мубориза бо ҷинояткорӣ, назорати иҷрои қонунҳо ҳангоми амалӣ намудани назорат аз ҷониби мақомоти давлатӣ дар объектҳои соҳибкорӣ ва ба онҳо додани иҷозатнома; гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии қонунҳоро ба амал мебарорад. Дар ин самт фаъолияти Прокурори генералии ҶТ таҳти назорати Президенти ҶТ ҳамчун сарвари давлат, таъминкунанда ва ҳамоҳангсозандаи мақомоти давлатӣ, роҳбари мақомоти ҳокимияти иҷроия ва ҳомии Конститутсия, қарор дорад.

- Яке аз мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ки бо прокуратура дар робитаи зич қарор дорад, ин мақомоти судӣ ба ҳисоб меравад ва онро дар маҷмӯъ ҳокимияти судӣ ном мебаранд. Ба сифати самтҳои асосии ҳамкориҳои мутақобилаи онҳо метавон дохил намуд: муносибат дар функсияи ҳуқуқмуҳофизавии прокуратура ва суд; шароит барои татбиқи назорати прокурорӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ; муносибати прокуратура бо шохаҳои гуногуни ҳокимияти судӣ; муносибати назорати прокурорӣ ва контроли судӣ барои қонуният ва самаранокии истифодаи чораҳои мурофиавӣ дар марҳилаи тафтишоти пешакӣ; ҳамкории мутақобилаи прокуратура бо суд ҳангоми амалӣ намудани мубориза бар зидди ҷинояткорӣ.

Навгонии илмии таҳқикоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки диссертатсияи мазкур нахустин пажӯҳиши мукаммали илмӣ оид ба нақш ва мавқеи мақомти прокуратура дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Андешаҳои зикргардида навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсиониро тасдиқ намуда, сахми шахсии муаллифро дар таҳияи диссертатсия нишон

медиҳанд. Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия аз ҷониби муаллиф илман ва амалан асоснок карда шудаанд. Натиҷаҳои тадқиқот дар интишороти асосии муаллиф – дар 12 мақола, аз ҷумла 4 мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тавсияшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикоси худро ёфтаанд.

Аз ин рӯ, таҳкикоти диссертатсионии Исмоилзода Салоҳиддин Абдулазиз дар мавзуи «Мавқеи конститутсионӣ-ҳуқуқии прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои луқукшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.02 – ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**

**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,**
**муовини аввал, муовини директори иҷроия**
**оид ба илм, инноватсия ва муносибатҳои**
**байналмилалии филиали Донишгоҳи**
**давлатии Москва ба номи**
**М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе** **Диноршоҳ А.М.**

**Имзои А.М. Диноршоҳро**
**тасдиқ менамоям**
**Сардори шуъбаи сиёсати кадрӣ ва**
**корҳои махсус** **Шариф С.М.**